# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.06.2025, №62**

Барои сазовор донистани Исҳоқӣ Дилшод Илҳом, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 19 апрели соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №79 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Исҳоқӣ Дилшод Илҳом, 07 апрели соли 1985 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Исҳоқӣ Дилшод Илҳом унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Исҳоқӣ Дилшод Илҳом соли 2008 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси фаъолияти бонкӣ хатм намудааст. Исҳоқӣ Дилшод Илҳом соли 2019 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 хатм кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 23 апрели соли 2019, протоколи № 11 тасдиқ шудааст. Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич таъин шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон –** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДДҲБСТ;

- **Вализода Шавкат Шаробудин,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини якуми директори Муассисаи давлатии “Маркази патентӣ-иттилоотӣ”-и назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ Ҳалимов Л.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи фаъолияти бонкӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10, аз 28.05.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 29.05.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исҳоқӣ Дилшод Илҳом барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Тадбирҳои вусъат бахшидани рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзӣ / Исхаков Д.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе. – 2024. – №5. – С. 48-56. (ISSN: 2413-5151).

[2-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Таҳлили рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир / Ҳикматов У.С., Исхаков Д.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе. – 2024. – №4. Қисми 1. – С. 28-38. (ISSN: 2413-5151).

[3-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Арзёбии ҳолати муосири хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳикматов У.С., Исхаков Д.И. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе. – 2024. – №4. Қисми 2. – С. 15-25. (ISSN: 2413-5151).

[4-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ / Ҳикматов У.С., Исхаков Д.И. // Паёми молия ва иқтисод. Душанбе. – 2024. – №1 (40). – С. 11-19. (ISSN: 2663-0389).

[5-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Таҷрибаи хориҷии рушд ва танзими равандҳои рақамикунонии низоми бонкӣ/ Исхаков Д.И. // Паёми донишгоҳи Хоруғ. Душанбе. – 2024. – №1 (29). – С. 143-154. (ISSN: 2664-5696).

[6-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Моҳият ва зарурати хизматрасониҳои рақамӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Исхаков Д.И. // Паёми молия ва иқтисод. Душанбе. – 2023. – №4/2 (39). – С. 260-268. (ISSN: 2663-0389).

[7-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Бонкҳои рақамӣ ё необонкҳо ҳамчун намуди нави ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳикматов У.С., Исхаков Д.И. // Паёми молия ва иқтисод. Душанбе. – 2021. – № S4.2 (29). – С. 23-35. (ISSN: 2663-0389).

**II. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

[8-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Асосҳои назариявии амалиётҳои бонкии рақамӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Хикматов У.С; Исхаков Д.И. // Маводи семинари илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили назариявию амалии пардохтҳои гумрукӣ дар раванди ғанигардонии даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 75-солагии дотсент Ҳикматов Сафаралӣ Ҳикматович (Душанбе, 15 -уми январи соли 2024) – Душанбе. – 2024. – С. 257-272. (ISBN 978-99985-41-86-3).

[9-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Ҷанбаҳои назариявии фаъолияти иноватсионии бонки тиҷоратӣ" / Маводи Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноаткунонӣ ва иқтисодиёти иноватсионӣ" ДМТ. (Душанбе, 10 феврали соли 2023) – С.332-338.

[10-М] Исхокӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Анализ современного состояния рынка цифровых банковских услуг в Республике Таджикистан. / Маводи конфронси Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)” (11 декабри соли 2021, ш.Кӯлоб). – С. 240-244.

[11-М] Исҳоқӣ Д.И. (Исхаков Д.И.) Рушди интернет-бонкинг ҳамчун омили баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ» (Душанбе, 5-уми октябри соли 2021). – С. 182-186.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Бобозода Комилҷон Олим - доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,** бо чунин эрод:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф муаълумот оид ба ҳолати “Ҳукумати электронӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷойгир менамуд.

**2. Қодирова Гулмо Толибовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар расми 1. (саҳ. 11) муаллиф ҳамкориҳои ташкилотҳои қарзӣ бо шарикони рушдро нишон додааст. Ба фикри мо, дар он ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ дарҷ нашудааст.

2. Муаллиф пешниҳоди дастгирии соҳибкорӣ дар фазои электронӣ – интернет-мағозаҳо; маркет-плейсҳо ва ғайра кардааст, аммо механизми он оварда нашудааст.

**3. Нусратзода Муҳаммади Нусрат - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Оид ба норасоиҳои автореферат метавон қайд намуд, ки дар он ташкили Вазорати рақимикунонӣ дар замимаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар назди Президенти Тоҷикистон, асоснок карда нашудааст.

**4. Комилов Низомиддин Бегаҳмадович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** бо чунин эрод:

1. Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муаллиф аз таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя ва Федератсия Россия истифода бурдааст, аммо таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои Ғарб мавриди омӯзиш қарор нагирифтанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти

баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асосноки муаллифии мафҳуми «амалиётҳои рақамии бонкӣ» пешниҳод шудааст, ки таҳти он консепсияи фаъолияти ташкилоти қарзӣ, ки тибқи он мизоҷон хизматрасониҳоро бо роҳи алтернативӣ, тавассути истифодаи технологияҳо ва таҷҳизотҳои гуногуни рақамӣ амалӣ мегардонанд, фаҳмида мешавад; дар асоси омӯзиши ҷанбаҳо ва консепсияҳои назариявии ташаккул ва рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ кӯшиши мукаммалгардонии заминаи илмӣ-назариявии он анҷом дода шуда, бо назардошти хусусиятҳои миллӣ аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии он муайян гардидааст.

- ***исбот шудааст, ки*** ҳаҷми амалиётҳои рақамии бонкӣ зиёд гашта истодааст, аммо суръати рушди он нокифоя арзёбӣ гардида, имкониятҳои афзун намудани он тариқи баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, вусъат додани кор аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ ва инчунин тавассути ташкили ҳукумати электронӣ, таъсиси Вазорати рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод гардидаанд;

- ***роҳҳои*** **беҳтарнамоии индекси** рушди ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст: ташкили ҳукумати электронӣ ҳамчун фазои ягонаи иттилоотӣ коммуникатсионӣ, ки дар он низоми коркард ва пешниҳоди тамоми хизматрасониҳои давлатӣ тариқи технологияҳои рақамӣ ба аҳолӣ ва субъектони хоҷагидорӣ фаъолият менамояд; ташаккули инфрасохтори махсуси ҳамгироии электронӣ байни ҳамаи ташкилот, идора ва мақомотҳои давлатӣ; коркард ва пешниҳоди низоми содакардашудаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар ҳолатҳои махсус ҳангоми ғайриимкон будани дастрасӣ ба хизматрасонӣ тариқи онлайн; пойгоҳи ҳуқуқию меъёрии ташаккул ва рушди хизматрасониҳои электронӣ аз тарафи мақомотҳои давлатӣ; инфрасохтори техникӣ (компютерҳо, серверҳо ва барномаҳои махсус) -и ҳамаи мақомотҳои давлатии барномаи ҳукумати электронӣ.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) ба низом даровардани қоидаҳои коркард ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба истифодабарандагон ва идентификатсияи онҳо; б) ташкили омӯзишҳои махсус ба кормандони мақомотҳои давлатӣ оид ба кор ва истифодабарии барнома; в)

таъмини бехатарии иттилоотии нигоҳубин ва истифодабарии маълумотҳо ва ба аҳолӣ омӯзондани истифодабарӣ аз хизматрасониҳои ҳукумати электронӣ.

- ***омили муҳимми сарфаи вақт*** ҳамчун ангезаи гузариш ба амалиёти рақамии бонкӣ ошкор гардидааст, ки: 1) моҳияти он дар низоми бонкӣ, пеш аз ҳама, аз рушди низоми бонкӣ, зиёд шудани рақобат ва таъмини мизоҷон бо роҳҳои алтернативии хизматрасонӣ бармеояд ва дар ин сурат вокуниш ба норасоиҳои ҷойдошта, бартариҳои мавҷуда бамаротиб самаранокии хизматрасониҳои бонкиро баланд бардошта ба яке аз роҳҳои асосии паст кардани хароҷотҳои ташкилотҳои қарзӣ мубадал мегарданд; 2) категорияи муҳимми мизоҷони «пешрафта», ки омили сарфаи вақт барои онҳо ниҳоят муҳим мебошад, тафсир шудааст, ки мехоҳанд, ки бо ташкилоти қарзӣ чунин ҳамкорӣ дошта бошанд, ки он аз «монеаҳо» озод бошад; 3) омилҳои муҳим дастрасии босуръат ба хизматрасонӣ, истифодаи ташкилоти қарзӣ ҳамчун шарики боэътимод дар реҷаи 24/7/365 ва озод будан аз маҳдудиятҳои сарҳаддӣ (истифодаи хизматрасонӣ ҳангоми сафар берун аз давлат) маҳсуб меёбанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо мухтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба амалиётҳои рақамии бонкӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки: а) амалиётҳои рақамии бонкӣ ба ташкилотҳои қарзӣ имкониятҳои васеи зиёд намудани номгӯйи хизматрасониҳоро медиҳанд, ки ин дар навбати худ барои нигоҳ доштани мизоҷони ҷорӣ ва барои ҷалби мизоҷони нав замимаи устувор фароҳам меорад; б) коҳиши хороҷот рақобатпазирии ташкилотҳои қарзиро баланд карда, омили инсонӣ коҳиш меёбад, ки ин дар навбати худ, ба баланд бардоштани самаранокӣ ва сатҳи сифати хизматрасониҳо таъсири мусбӣ мерасонад; в) аз нигоҳи назари мизоҷон, амалиётҳои рақамии бонкӣ имконияти як навъ «озодӣ»-ро фароҳам оварда, мизоҷро аз «вобастагӣ» ба филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ озод намуда, имконияти гузаронидани амалиётҳоро аз дилхоҳ ҷой ва вақту соат медиҳад; г) барои давлат, зиёд гаштани номгӯй ва шумораи амалиётҳои рақамии бонкӣ, пеш аз ҳама, гувоҳи аз баланд шудани эътимоди аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба низоми бонкӣ, зиёдшудани шаффофияти равандҳо дар иқтисодиёт, паст шудани сатҳи коррупсия ва зиёдшудани ҳаҷми пардохти андозҳо ба буҷети давлат мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***ғояи*** мукаммалгардонии равандҳои ворид намудан ва пешниҳоди амалиётҳои рақамии бонкӣ, машҳургардонии онҳо байни аҳолӣ бо мақсади шаффоф гардонидани иқтисоди миллӣ, паст намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ, баланд бардоштани маърифат ва саводнокии молиявӣ-рақамии аҳолӣ ва баланд бардоштани самаранокии амалиётҳои бонкӣ таҳия ва асоснок шудааст.

- ***самтҳои*** дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ муайян карда шуда, механизмҳои мукаммалгардони равандҳои рақамикунонӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ ***муайян ва илман асоснок карда шудааст***.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) таҳқиқи паҳлуҳои назариявии амалиётҳои рақамии бонкӣ ва аҳамитяи иқтисодии он ба низоми бонкӣ; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) ҳолати муосири вазъи низоми бонкӣ ва таъсири давлат ба ҷараёни мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии амалиётҳои рақамии бонкӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба ҳамгироии давлат бо бахши бонкӣ арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии амалиётҳои рақамии бонкӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Танзим ва назорати бонкӣ» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 15.02.2024 таҳти №102-а/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти ҶСП «Спитамен Бонк» **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.03.2024**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба дурнамои рушди амалиётҳои рақамии бонкӣ тавассути истифодаи технологияҳои муосири технологӣ-бонкӣ, ки амалиётро бидуни истифодабарии ҷисмонии корти пардохтӣ ба анҷом мерасонад, ***таҳия карда шуданд;*** зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди қарздиҳии рақамӣ, ворид намудани имконияти истифодаи гарави рақамӣ ва суғуртакунонии рақамӣ ***асоснок шудааст***; рушди нишондиҳандаҳои асосии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ***ояндабинӣ шудааст***.

- ***стратегияи*** мукаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, бо мақсади оммавӣ намудани амалиётҳои рақамии бонкӣ тартиб дода шуда, механизмҳои амалӣ намудани онҳо тавассути ташкил намудани намудҳои нави ташкилоти қарзӣ – бонкӣ рақамӣ ё необонк асоснок карда шудааст; ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ ва фаъолияти муътадили низоми бонкӣ зарурати ба муомилот баровардани пулҳои рақамӣ – «сомонии рақамӣ» қайд шудааст.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба такмили заминаи меъёрию-ҳуқуқии танзими амалиётҳои рақамии бонкӣ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо асоснок шудаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи амалиётҳои рақамии бонкӣ, таъсири давлат ба бахши бонкӣ, амалиётҳои рақамии бонкӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини фаъолияти густурда ва самараноки низоми бонкиро фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи баланд бардоштани нақши давлат дар рақамисозии амалиёти бонкӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) Ташкили вазорати рақимикунонӣ дар замимаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ дар назди Президенти Тоҷикистон; 2). Бонки миллии Тоҷикистон бояд рейтинги сатҳи рақамикунонии ташкилотҳои қарзиро таҳия намуда, ҳар сол онро расман аз чоп барорад; 3). Қабули Кодекси рақамӣ барои расман муайян намудан ва батанзимдарории муносибатҳои байни ҳамаи иштирокчиён ва истифодабарандагони иттилооти рақамӣ; 4). Эълонк кардани рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун Ҳадафи панҷуми стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 83,4% ва 81,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои амалиётҳои рақамии бонкӣ, ки рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар шароити мусир аз он вобаста мебошад, муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати

таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, максади гузошташуда ва нақши амалиётҳои рақамии бонкӣ дар рушди устувори иктисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 11 мақола, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исҳоқӣ Дилшод Илҳом дар мавзуи «Мукаммалгардонии амалиётҳои рақамии бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1, 10.10, 10.15, 10.18 ва 10.22-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 23.06.2025 қарори сазовор донистани Исҳоқӣ Дилшод Илҳом бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 июни соли 2025.**